**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи Истиқлол)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 192 саҳ.**

Жанри ҳикоя яке аз жанрҳои серистеъмол дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик мебошад, ки анвои гуногун дорад. Дар адабиёти муосири тоҷик ҳикоя аз эҷодиёти устодони ин мактаб Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев, ва чанд тани дигар шуруъ мегардад. Таҳқиқи марҳила ба марҳилаи ҳикоя дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ аз масъалаҳоест, ки пайгирии ҷиддиро талаб менамояд ва дар ин замина, аз ҷониби аҳли илм тадқиқотҳои судманд анҷом меёбанд, ки ҳар яке аз онҳо дар таҳқиқу баррасии мушкилиҳои илми адабиётшиносии тоҷик мавқеи хосса доранд.

Диссертатсияи номзадии Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулҳадович дар мавзуи “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояҳои муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи Истиқлол)” ба ҳамин масъалаи муҳимми адабиётшиносӣ бахшида шудааст.

Ҳикояи тоҷикӣ чун намунаи насри навпардози садаи бист ва давраи истиқлол арзишҳои хоси ғоявӣ ва ҳунарӣ дошта, баррасии ҳаматарафаи ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии он, бешак ба пешрафти минбаъдаи адабиёт ва фарҳанги миллӣ тамоюлҳои иҷтимоию ахлоқии ҳаёти ҷомеаи муосири тоҷикон мусоидат хоҳад кард.

Рисола аз муқаддима, се боб ва шаш фасл иборат буда, ҳамчунин дар охир ба таври алоҳида тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ оварда шудааст. Ба ин тартиб, банду баст ва таркиби рисола барои таҳқиқи муфассал ва амиқи илмии мавзуъ мусоидат намуда, имкон додааст, ки муаллифи рисола дар ҳар боби алоҳида ва дар охир ба таври

ҷамъбаст ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим ва қобили эътимод бирасад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар тавсифи умумии таҳқиқ бошад, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, пойгоҳи таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавзеҳ дода шудааст, ки аз маҷмуи ин маврид, омодагӣ, огоҳӣ ва мутолиаи кофии муаллифи рисола барои таҳқиқу таҳлили мавзуи интихобшуда ва танзими дурусти илмиву назарии ӯ дар анҷоми ин таҳқиқот маълум мегардад.

Боби аввали диссертатсия **“Заминаҳо ва омилҳои адабию ҳунарии инкишофи жанри ҳикоя дар насри муосири тоҷик”** унвон гирифта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали боби якум “Марҳилаҳои асосии шаклгирии жанри ҳикояи муосири тоҷикӣ” ном гирифта, муаллиф дар ин фасл пайдоиш, ҷараёни шаклгирии жанри ҳикояро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Муҳаққиқ дар интиҳои фасли мазкур ба натиҷае расидааст, ки пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули ҳикояи тоҷикӣ чаҳор марҳила, яъне солҳои бистуму чилум, панҷоҳуму шастум, ҳафтодуму ҳаштодум, навадуми садаи гузашта ва замони истиқлолро дар бар гирифта, дар шаклгирӣ ва таҳаввули хусусиятҳои сохторӣ ва мундариҷавию ғоявии ҳикояи ҳамаи марҳилаҳо нақши шароитҳо ва вазъиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ таъсиргузор будааст. Тафовутҳои инкишофи ин жанр ва хусусиятҳои бадеии онро дар ҳар марҳила ҷустуҷӯҳои хоси

ҳунарӣ ва фардияти эҷодии нависандагони ҳикоянавис муайян месозад. Фасли дуюми боб “Ҳикояи реалистӣ ва қонуниятҳои жанрии он дар насри муосир” ном гирифта, муҳаққиқ дар ин фасл бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ тамоми қонуниятҳои жанрии ҳикояи реалистиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Реализм дар тасвири нависандагони муосир пеш аз ҳама, баёнгари унсури иҷтимоиву ахлоқии зиндагии шахсият аст, ки танҳо марбут ба фард набуда, балки ба ҷомеа низ мутааллиқ аст. Дар ин замина ҳикояҳои нависандагони муосир, аз қабили С. Турсун, Ҷ. Акобир, И. Насриддин, А. Олим, Р. Ёрмуҳаммад, З. Ғулом, Т. Муҳаммадризо, С. Зардон ва дигарон бо тасвири воқеиятҳо ва шахсиятҳо ҷолиб буда, чеҳраи шахсият дар матни воқеӣ ва амалу кирдори ӯ намудор мегардад.

Муаллиф маводи гуногунро дар бобати ҳикояҳои реалистии тоҷикии муосир таҳлилу муқоиса карда, ба хулосае омадааст, ки реализм барои аксари нависандагони мо дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи ҳикояи тоҷикӣ дақиқан таниши зинда бо воқеият будааст, ки дар шакле имконпазир корбурд шудааст. Ба андешаи муллиф, дастоварди ҳикояи реалистии тоҷикӣ дар шинохт ва тасвири воқеиятҳои зиндагӣ ва сирату сурати шахсиятҳо новобаста ба замону макон инкорнопазир аст.

Мавзуъбандии боб, масъалагузориҳо, ҳалли масоил ва натиҷагириҳои боби мазкур мувофиқи мақсад аст. Муҳаққиқ дар интиҳои ҳар як фасл ба хулосаҳои мушаххас омадааст, ки ин яке аз сифатҳои хуби таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

Боби дуюми диссертатсия ба мавзуи “**Мақом ва ҷойгоҳи ҳикоя дар насри тоҷикии давраи истиқлол**” бахшида шуда, аз ду фасл иборат аст. Муаллиф дар фасли аввал “Идома ва инкишофи суннатҳои ҳикоянависии садаи бист дар давраи истиқлол”-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, ташаккул ва таҳаввули ҳикояи давраи истиқлолро ба тағйири дидгоҳҳои касбӣ ва нигаришҳо вобаст dониста, ба панҷ қисмат тақсимбандӣ намудааст: а)

пайгирӣ ва баҳрабардорӣ аз беҳтарин суннатҳои ҳикоянависии садаи бист; б) таҳаввули дидгоҳҳои назарӣ ва амалӣ нисбат ба сохтор ва ҳадафҳои ғоявию бадеии ин жанр; в) фурӯ гузоштани бардошти муштарак аз таҷрибаҳои умумии иҷтимоӣ, ки бештар хусусияти фармоишӣ ва таблиғӣ доштанд; г) корбасти мафҳумҳои хоси шохиситар ба ҷойи арзишҳои умумӣ; д) ковиш дар аъмоқи зеҳн ва хотироти шахсиятҳо; е) ҷустуҷӯҳо дар тасвири тағйироти вазъи ҷомеа ва шахсиятҳо дар ҳикояи ин давра, ки ба шинохт ва тарвиҷи дақиқи арзишҳои миллӣ рабт мегирад (Диссертатсия, с. 44).

Дар анҷоми фасл, муаллиф ба хулосае омадааст, ки нависандагони тоҷик суннатҳои ҳикоянависии садаи бистро эҷодкорона идома ва инкишоф дода, бо пайгирӣ ва таъсирпазирии огоҳона аз таҷрибаи нависандагони ҳунарманд, корбурди дидгоҳҳои тозаи назарӣ ва амалии оид ба ҳадафҳои сохторӣ ва бадеии ин жанр, фурӯ гузоштани таҷрибаҳои муштараки воқеъгароии маҳз, боло бурдани мавқеи шахсият дар муқобили таҷрибаҳо ва арзишҳои умумии иҷтимоӣ, ҷустуҷӯ дар аъмоқи зеҳн ва ёдвораии шахсиятҳо ва такмили фардияти ҳунарӣ ҳикояи тоҷикиро ташаккул ва таҳаввули тоза бахшиданд, ки дастоварди адабиёти имрӯза аст (Диссертатсия, с. 71).

Дар фасли дуюми боб “Махсусиятҳои инъикоси бадеии масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол” мавриди баррасӣ қаррор гирифтааст.

Тамоюлҳои мусбату манфии иҷтимоиву ахлоқие, ки дар охири солҳои навадум ва баъди он роҳандозӣ шуд, омили аслии густариш ёфтани паёми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол гардид. Муҳаққиқ дар асоси ҷустуҷӯҳои ҳунарии нависандагон, аз ҷумлаи Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдуҳамид Самад, Сорбон, Баҳманёр, Равшани Махсумзод ва чанд тани дигар, ки тазодҳои ҳаёти ҷомеа, мушкилоти

ичтимоиву ахлоқии ҳалнашуда мавриди таҳқиқ, таҳлил ва тасвири бадеии онҳо қарор гирифтаанд, шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар ҳикояи замони истиқлол тазодҳои ҳаёти ҷомеа, мушкилоти ичтимоиву ахлоқии ҳалнашуда мавриди таҳқиқ, таҳлил ва тасвири бадеӣ қарор гирифт, ки аз дастовардҳо ва пешрафтҳои ин жанр гувоҳӣ медиҳад. Ба андешаи Маҳмудҷон Маҳмудов: “Нависандагон дар ҳикояҳояшон оид ба мушкилоти ичтимоӣ ва вазъи ахлоқии ҷомеа андеша карда, заминаҳо ва омилҳои таназзули ичтимоиёт ва маънавиёти муосиронашон ва ҷомеаро ба тарзи бадеӣ муҷассам менамуданд” (Диссертатсия, 73).

Боби сеюми диссертатсия ба мавзуи “**Хусусиятҳои бадеию сохтории ҳикояи муосир**” бахшида шуда, аз ду фасл иборат аст.

Маҳмудҷон Маҳмудов дар фасли якум “Ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва шеваи нигориши нависандагон дар жанри ҳикояи имрӯз”-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, усули шахсиятпардозӣ, тарзи нигориш ва шеваи тасвири ҳикояҳои Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Кароматуллоҳи Мирзо, Баҳманёр, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Юнус Юсуфӣ ва чанд тани дигарро баррасӣ намудааст. Ҳикояи нависандагони муосири ҳунарманд бо корбурди шеваҳои гуногун ва таъсиргузори шахсиятпардозӣ ба таҳқиқи амиқи воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти инсон даст ёфта, фазои маънавиёт ва маърифати бадеӣ ва ҷанбаи бадеии ҳикояҳояшонро ташаккул ва таҳаввул бахшидаанд. Ба ифодаи дигар, дар ҳар марҳила сабк хусусиятҳои хоси фардияти ҳунарии нависанда ва бардошти ӯро аз воқеиятҳо ифода мекунад. Дар баъзе марҳилаҳо, бахусус марҳилаи аввал ва дувум сиёсати адабии вақт монеи таҳаввули сабки фардӣ гардида, содагӯйӣ ва оммаписандиро густариш дод, ки он боиси коҳиш ёфтани сабки бадеии устувор гардид. Аз нимаи дувуми солҳои панҷоҳ сар карда, рушди шеваи тасвири предметӣ ва объективӣ имкониятро барои ташаккули сабки фардӣ фароҳам овард, ки минбаъд дар ҳикоянависии тоҷикӣ, бахусус дар таҷрибаи нависандагии Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор

Турсун, Абдулҳамид Самад, Баҳманёр, Сайф Раҳим ва баъзе нависандагони дигар таҳаввул ёфт.

Дар фасли дуюм боби сеюм “Таҳаввули шаклӣ ва сохтории жанри ҳиокояи давраи Истиқлол” таҳлил гардида, муаллиф ҳикояи давраи истиқлолро бо таҳаввули шаклӣ ва сохторӣ, фарогирии мавзуоти мухталиф, тарзи инъикоси воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳо аз ҳикояи марҳилаҳои қаблии адабиёти тоҷик дорои фарқи чашмрас медонад. Зикр шудааст, ки тағйироти аввалине, ки ба мушоҳида мерасад, ин ҷустуҷӯҳои нависандагон дар эҷоди шаклҳои нави жанри ҳикоя аст. Ин дигаргуниро мо дар эҷодиёти Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамид Самад,К. Мирзоев, И. Насриддин, Баҳманёр, Сайфи Раҳимзод ва Юнус Юсуфӣ ва дигарон мушоҳида мекунем. Ҳикояҳои ин нависандагон, ки дар заминаи суннатҳои ҳикоянависии марҳилаҳои қаблӣ ташаккул ёфтааст, низоми устувори шаклӣ дошта, бо риояи тарҳ, сужет ва тарзи суннатии фарогирӣ ва тасвири воқеиятҳову амалу кирдори шахсиятҳо тафовут дошта бошад ҳам, вале дар шакл ва сохтор тозагиҳое низ дорад. Дар ин замина таҷрибаи баъзе нависандагон, аз ҷумла Кӯҳзод, Сорбон, К. Мирзоев, Абдулҳамид Самад ва Ҷ. Акобир дар таҳаввули шаклӣ ва сохтории ин жанр диққатангез аст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти сомондодаи хеш дар поёни ҳамаи фаслу бобҳо хулосабардорӣ намуда, дар интиҳои диссертатсия ба натиҷагирии комили илмӣ омадааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии таҳқиқот гардидааст. Ҳамин тариқ, аз назари доираи тадқиқ, тозакорию навоварӣ, методи таҳлил, арзиши илмӣ диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулҳадович комилан ҷавобгӯйи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъииислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзоянд:

1. Муаллиф дар зерфасли боби аввал пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷикиро ҳамчун жанри мустақил ба махсусиятҳои ҳаёти маънавӣ ва ҷамъиятии ибтидои садаи бист алоқаманд донистааст, ҳоло он ки таърихи тулонӣ дорад.
2. Зербоби дуюми боби якум, ки "Ҳикояи реалистӣ ва қонуниятҳои жанрии он дар насри муосир" ном дорад, реализми сусиёлистиро ба чаҳор рукн ҷудо намуда далел овардааст, вале сарчашмаро зикр накардааст. Ҳамчунин, сухани Фридрих Энгелсро ҳам беиқтисоб зикр шудааст (саҳ., 32, 41, 42).
3. Дар боби дуюм ба ҷои таҳлили илмӣ ё мавзӯӣ бештар услуби нақл ба назар мерасад.
4. Фасли якум боби сеюми диссертатсия , ки ба мавзуи "Ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва шеваи нигориши нависандагон дар жанри ҳикояи имрӯз" бахшида шудааст, дар ҳаҷми 60 саҳифа таҳқиқи шудааст, ки баъзан масъалаҳои зикршуда, дар зерфаслҳои боло ҳам таҳқиқ шудаанд.
5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани кори илмӣ-таҳқиқотӣ хоҳад шуд. (с. 4, 7, 11 33...).

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ хусни диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо барои комил гардидани арзиши илмии таҳқиқ мусоидат менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояҳои муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)" кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи М. А. Маҳмудов муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояҳои муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)" ба талаботи бандҳои 31-37 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**Номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи забони тоҷикӣ**
**ва ҳуҷҷатнигории Академияи**
**идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯч. Маяковский 70**
**Тел: +992 918-26-44-56, E-mail: bestmuslim@mail.ru**

**Имзои Р. М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси Академияи**
**идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Шоҳрух Бозорович**

**«10» 11 соли 2023**
**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯч. С. Носир 33.**
**Тел: +992(37) 224-17-86, 224-83-93**
E-mail:info@apa. tj